ПРОТОКОЛИ №08
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-134

аз «25» августи соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Муовини раиси шуро: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2026, №231/шд, таъсис дода шудааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҷумаев Наҷмиддин Абдуллоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (дар асоси маводҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Раҷабов Р.К. ва аъзои комиссия Раҳматзода Ҳ.Б. ва Исмоилов И.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ҷумаев Наҷмиддин Абдуллоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (дар асоси маводҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ҷумаев Наҷмиддин Абдуллоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (дар асоси маводҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Ҷумаев Наҷмиддин Абдуллоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (дар асоси маводҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии

Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Раҳматзода Рустам** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– **Наимов Бекмурод Қунғуротович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 04 ноябри соли 2026, соати 09 ^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Набиева З.Т.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

Имзои Набиева З.Т. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.